*ТДУ 811.222.8,22*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-97-102*

***ТАШАККУЛИ МАЛАКАИ ЗАБОНОМӮЗИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР МУҲИТИ ГУНОГУНФАРҲАНГӢ***

***Қодирова Муҳайё Абдуҷабборовна**, сармуаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***РАЗВИТИЕ НАВЫКОВ ИЗУЧЕНИЯ ЯЗЫКА У МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПОЛИКУЛЬТУРНОЙ СРЕДЕ***

***Кодирова Мухайё Абдуджабборовна**, старший преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***DEVELOPMENT OF LANGUAGE LEARNING SKILLS AMONG PYIMAHY SCHOOLCHILLREN IN A MULTICULTUTURAL ENVIRONMENT***

***Kodirova Mukhayo Abdujabbarovna**, lecturer at of theory and methods of teaching native language department of SEI "KSU named after acad.B. Gafurov (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ**: тамаддун, гуногунфарҳангӣ, муҳити таълимии бисёрфарҳангӣ, арзишҳои умумибашарӣ, малакаи забономӯзӣ, падидаи бисёрфарҳангӣ*

*Мақола оид ба роҳҳои асосии рушди таълими забони модарӣ дар зинаи таҳсилоти умумии муосир, ба инсонгароии мундариҷаи таълим дар асоси ғояҳои худшиносии шахсияти хонанда, ҳуқуқи ӯ ба худмуайянкунӣ, татбиқи пурраи қобилият ва қонеъ гардондани талаботи омӯзиш бахшида шудааст. Шинохти инсон ҳамчун арзиши олӣ, дарки афзалияти ҷаҳони ботинии ӯ, кашф ва таъмини фаъолияти асосиву эҷодкорӣ, фароҳам овардани шароити муносиби ошкор кардани қобилият, талабот ва имконият, таъмини ҳамоҳангӣ бо худ ва ҷомеа, аз синни хурди мактабӣ дарки маънои инсонгароии фаъолияти омӯзгорӣ ва ғайра мавриди таҳқиқи муаллиф қарор гирифтааст.*

***Ключевые слова:** цивилизация, мультикультурализм, поликультурная образовательная среда, общечеловеческие ценности, языковые навыки, поликультурный феномен*

*Статья посвящена основным направлениям развития преподавания родного языка в современном общем образовании, гуманизации содержания образования на основе идей самопознания личности учащегося, его права на самоопределение, полное применение своих способностей и удовлетворение образовательных требований. Автором исследуются вопросы признания человека высшей ценностью, понимания приоритета его внутреннего мира, раскрытия и обеспечения основной и творческой активности, создания подходящих условий для раскрытия способностей, потребностей и возможностей, обеспечения гармонии с собой и обществом, понимания смысла гуманизации педагогической деятельности с младшего школьного возраста.*

***Key words**: civilization, multiculturalism, multicultural educational environment, universal values, language skills, multicultural phenomenon*

*This article is devoted to the main directions of the development of teaching the native language in modern general education, the humanization of the content of education based on the ideas of self-knowledge of the student's personality, his right to self-determination, the full use of his abilities and the satisfaction of educational requirements. Recognition of a person as the highest value, understanding the priority of his inner world, disclosure and provision of basic and creative activity, creation of suitable conditions for the disclosure of abilities, needs and opportunities, ensuring harmony with oneself and society, understanding the meaning of the humanization of pedagogical activity from primary school age, which is investigated by the author.*

Дар шароити ҳамзистии навъҳои гуногуни тамаддунҳо ба ҷиҳатҳои педагогии масъалаи забономӯзӣ эътибори бештар зоҳир намудан лозим аст.Ҳангоми арзёбии вазъи маорифи бисёрфарҳангӣ бояд эътироф кард, ки он масъалаи асосии маориф ва илми педагогика нест. Дар изҳороти сиёсӣ ва асарҳои педагогӣ дар руҳияи гуногунфарҳангӣ тарбия намудани насли наврас таблиғ карда мешаванд, вале онҳо на ҳамеша ва на дар ҳама ҷо амалан татбиқи худро меёбанд.Олимон — педагогон, навоварону муҳаққиқон ва омӯзгорони мактабҳо оид ба «саволҳои ногувор» ба монанди низоъҳои байни миллатҳо, хурофоти диниву мазҳабӣ, миллатчигиву маҳалгароӣ аксар вақт хомӯш мемонанд. Баробари ин, ҷоизи қайд аст, ки бисёрфарҳангии инсон ба ҳеҷ ваҷҳ падидаи ирсӣ набуда, он аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайян ва бояд

тарбия карда шавад. Дар чунин шароит омӯзиш ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи ҷаҳонии таълими гуногунфарҳангӣ барои педагогика ва маорифи муосир аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Муҳити омӯзиши бисёрфарҳангӣ ҳамчун раванди мақсадноки таъсироти махсус ташкилшудаи педагогӣ ба хонандаи хурдсол баррасӣ мешавад, ки дар он муаллим намаълумоти тайёрро, балки дар зеҳни онҳо доир ба ҷаҳони бисёрфарҳангӣ тавассути таҷриба ва ҳамкории фаъол хонандагони хурдсолро ҳамроҳӣ мекунад. Субъектҳои муҳити таълимии бисёрфарҳангӣ худи мактаббачагони хурдсол мебошанд, ки ин дар саъю кӯшиши онҳо ба худшиносии гуногунфарҳангӣ, барқарор намудани муносибатҳои ҳамоҳанг бо ҷаҳони беруна, азхудкунии бошууронаи арзишҳои умумибашарӣ зоҳир мегардад.

Дар ҷараёни таълим барқарор намудани робитаҳои гумшудаи инсони муосир бо забону фарҳанги худ, омӯзиши фарҳанги халқҳои дигар (минтақаҳо, давлатҳои дигар), муайян намудани роҳҳои шиносоӣ бо онҳо равона шуда, зиддиятҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

а) тамоюли таҳсилоти гуногунфарҳангӣ, ки дар назария ва амалияи татбиқи ҷузъи миллӣ - минтақавӣ дар муассисаҳои таълимии шароити нави иҷтимоию фарҳангии рушди ҷомеа мавҷуд аст;

б) дарки зарурати кор карда баромадани роҳҳои таълими бисёрфарҳангӣ дар мактаби миллӣ ва таҳияи усулҳои нави татбики онҳо.

Таълими гуногунфарҳангӣ соҳаи нисбатан наву ҷавони илми педагогика мебошад. Падидаи бисёрфарҳангӣ аз солҳои 60-уми асри XX инҷониб мавзӯи тадқиқоти махсуси педагогикаи ҷаҳонӣ гардида, илми педагогии ҷаҳонӣ оид ба ин масъала захираи бузургу мустахками илмиро гирд овардааст. Олимони рус ба тадқиқу таҳкиқ ва ҷустуҷӯи рушди таълими гуногунфарҳангӣ ба наздикӣ - дар солҳои 90-уми қарни XX шурӯъ намуданд. Пас, метавон гуфт, ки таълими бисёрфарҳангӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Мақолаву маводи илмие нашр шудаанд, ки дар онҳо масъалаҳои алоҳида доир ба предмет, вазифа, мазмун ва максадҳои таълими гуногунфарҳангӣ мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода шудаанд. Ғайр аз мафҳуми «тарбияи гуногунфарҳангӣ» мафҳумҳои дигар низ истифода мешаванд: тарбияи байнифарҳангӣ, тарбияи бурриши фарҳангӣ, тарбияи бисёрфарҳангӣ, тарбияи дуфарҳангӣ ва ғайра.

Яке аз аввалин таърифхои меъёрии мафҳуми «тарбияи гуногунфарҳангӣ» -ро соли 1977 чунин шарҳ дода буданд: раванди педагогие, ки дар он ду ё зиёда фарҳангҳо аз рӯи хусусиятҳои забонӣ, этникӣ, миллӣ ё нажодӣ фарқ мекунанд.Бархе аз олимон - педагогон, аз қабили профессор Ле Тхан Кхой бар ин назаранд, ки дар истилоҳи илмӣ ва амалӣ истифода бурдан мафҳуми «тарбияи байнифарҳангӣ» дурусттар аст, зеро ин мафҳум дар педагогика аҳамияти муколамаи байни миллатҳоро таъкид мекунад [1, с. 87].

Муаммои ташкилу роҳандозӣ намудани таълими гуногунфарҳангӣ хеле муҳим ва асосӣ маҳсуб меёбад. Яке аз роҳҳои асосии ташкили таълими гуногунфарҳангӣ дуруст ба роҳ мондани омӯзиши ин ё он фанҳои таълимӣ мебошад. Тарғибгарони таълими гуногунфарҳангӣ чунин мешуморанд, ки мавҷудияти ҷузъи бисёрфарҳангӣ дар ҷараёни омӯзиши фанҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки ду вазифаи таълим ҳал карда шавад: таваҷҷуҳи кӯдакон барои соҳиб шудан ба донишҳои нав ва ҳамзамон пешниҳоди нуқтаи назари гуногун дар бораи муҳити иҳотакарда.

Дар баробари ин, таҳсилоти дузабона ва бисёрзабона (забони модарӣ, забони миллатҳои бартаридошта, забонҳои хориҷӣ) пешсаф боқӣ мемонад ва афзалияти бештарро касб мекунад. Бинобар ин, ба ба таълими фанҳои филологӣ диққати махсус дода мешавад. Олимон дуруст қайд мекунанд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ на танҳо барои муоширaт хидмат мекунад, балки имкон медиҳад, ки ба тарзҳои гуногуни тафаккур, эҳсос, рафтор ва дигар арзишҳои инсонӣ ташаккул ёбад. Тарбияи бисёрфарҳангӣ гуногунсоҳа буда, дар рафти татбики он ғайр аз омӯзиши забонхо доираи васеи фанҳои гуманитарӣ, эстетикӣ ва табиатшиносӣ омухта мешаванд. Соня Нието (ИМА), Ле Тхан Тхой (Фаронса) дар ин маврид бар он андешаанд, ки таълими бисёрфарҳангӣ бояд тамоми фанҳои барномаи таълимиро фаро гирад [1, с.64].

Ҳамин тариқ, олимон пешниҳод менамоянд, ки фанҳои адабиёт, таърих ва ҷомеашиносӣ бидуни ғараз таълим дода шуда, аз ҷараёни евросентристиву шарқгароӣ канораҷӯӣ карда шавад. Масалан, дар омӯзиши илми ҷомеашиносӣ бояд дуруст фаҳмонида шавад, ки чаро бунёдгароии исломӣ давлатдории дунявии ғарбро қабул намекунад. Фанни адабиёт бояд омӯзиши шоҳасарҳои тамаддунҳои гуногуни ҷаҳониро дар бар гирад ва омӯзонад. Таълими адабиёт, ки дар асоси принсипҳои муқоисавӣ сохта шудааст, бо таваҷҷӯҳ ба беҳтарин намунаҳои адабиёти ҷаҳонӣ, моҳияти умумибашарӣ ва боигарии тобишҳои табиати инсониро равшан мекунад. Омӯзиши таърих бошад, робитаи байни халқҳо ва фарҳангҳо, аҳамияти

робитаҳои фарҳангиро бо ҷаҳони атроф дар бунёд ва ғанӣ гардонидани тамаддунҳои бузургтарин нишон диҳад (масалан, нақши буддизмро, ки аз Ҳиндустон ба Чину Ҷопон интиқол шуда, дар ҳаёти маънавии онҳо нақши муҳим гузошт). Вале набояд фикр кард, ки таълими гуногунфарҳангӣ шаклу усулҳои хоси педагогиро соҳиб аст. Дар таълими мазкур усулҳои фаъолеро истифода мебаранд, ки аллакай самаранокии худро собит кардаанд ва дар педагогика эътирофи худро пайдо кардаанд: муколама, мубоҳиса, моделсозӣ, бозиҳои дидактикӣ, нақшофаринӣ, усулҳои рефлексионӣ ва ғайра. Истифодаи чунин усулро бо назардошти ҳадафҳо, вазифаҳо ва мазмуни таълими гуногунфарҳангӣ мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ҷумла, барои ташаккули иҷтимоию фарҳангии шахс қиссаву афсонаҳои таърихӣ, омӯзиши расму оинҳои маҳал, одобу ахлоқ хеле муассир аст; хангоми азхуд кардани мафҳумҳои гуногунфарҳангӣ — лекцияҳо, сӯҳбатҳои эвристикӣ, кор бо манбаъҳо; ҳангоми ташаккули малакаҳои муоширати байни фарҳангӣ – диалог, мубоҳиса, муколама ва ғайраро истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Тарбияи гуногунфарҳангӣ дар доираи таҳсилоти институтсионалӣ ва муттасил сурат мегирад. Аз ин рӯ, он бояд на фақат муассисаҳои таълимӣ, балки марказҳои маданию маърифатӣ, оилаҳо, ташкилоти ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма низ фаъолият баранд [6, с. 90].

Тарбияи шахсияти бофарҳанг мисли дигар сифатҳои инсонӣ раванди тӯлонӣ мебошад. Муаллим ва кӯдакон дар ҷараёни рушди фарҳангии худ аз якчанд марҳила ва сатҳҳо мегузаранд:

• Таҳаммулпазирӣ;

• Фаҳмидан ва қабули забону фарҳанги дигар;

• Эҳтироми фарҳанг ва тасдиқи тафовути фарҳангӣ.

Бархе аз пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки забон ва фарҳанг ҳамчун як ҷузъи том иртибот дорад, бархе аз онҳо бар он ақидаанд, ки забон танҳо як шакли баёни фарҳанг аст ва бархеи дигар бар ин назаранд, ки забон на шакл аст ва на унсури фарҳанг. Ба гуфтаи Эю Сепира, "фарҳангро метавон ҳамчунон муайян кард, ки ҷомеа чӣ кор мекунад ва чӣ фикр мекунад, дар ҳоле ки забон инъикоси тафаккури инсон аст". «Муносибати байни маданият ва забонро, — менависад Н. И. Толстой метавон ҳамчун ҷузъи фарҳанг ва олоти фарҳанг (ки як чиз нест) дарк кард, махсусан вақте сухан дар бораи забони адабӣ ё забони фолклор меравад. Аммо, забон дар баробари фарҳанг дар маҷмӯъ мустақил аст ва онро метавон чудо аз фарҳанг (ки ҳамеша анҷом дода мешавад) ва ё дар муқоиса бо фарҳанг ҳамчун падидаи гуногунмаъно ва баробарарзиш баррасӣ кард» [14, с. 42].

«Забон, ба қавли В. Гумболдт, симои халк буда, манзараи оламро, ки хоси як ҷомеаи фарҳангӣ мебошад («гурӯҳи ҳамзабонон») инъикос ва нигоҳ медорад». Дар сурати мавҷудияти ҷузъҳои умумии мундариҷа, "майдонҳои консептуалии ҳақиқат" забонҳо ва фарҳангҳо ангораҳои гуногун доранд, ки паҳлӯҳо ва ҷанбаҳои гуногуни ҷаҳони бениҳоят рангин ва объективиро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, инсон тавассути донистани забонҳои мардумӣ ва забонҳои хориҷӣ мансубияти худро ба таърихи ҷаҳонӣ мустақиман эҳсос карда, дар айни замон хусусияти фарҳангию таърихии миллии худро амиқтар дарк мекунад [11, с. 74].

Ба ақидаи Д. С. Лихачёв «забон ҳамчун як навъ тамизгари (консентратсия) фарҳанги миллат амал мекунад, ки дар гурӯҳҳои гуногуни ҷомеаи фарҳангӣ ва забоншиносӣ таҷассум ёфтааст» [12, с.27].Он дар робита ба интернационализатсияи фарҳангҳо, ҷаҳонишавии муошират байнифарҳангӣ, муколамаи фарҳангҳо дар асоси тарҷумаи мутақобилаи лексикӣ-семантикӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Алоқаи фарҳангҳои гуногун дар забон дар шакли вожаҳои луғавӣ ифода меёбад. Ба қавли С.Г. Тер - Минасова «…забон оинаи маданият буда, вай на танҳо олами воқеии атрофи одам, на танхо шароити воқеии ҳаёт, балки худшиносии миллӣ, хислат, тарзи зиндагӣ, урфу одат, расму оин, ахлоқ, системаи арзишҳо, муносибат, ҷаҳонбинӣ, яъне менталитети миллии инсонро инъикос мекунад» [13, с.14].

Ҳамин тариқ, забон чунин баррасӣ мешавад:

• ҳамчун омили фарҳангӣ, зеро он ҷузъи ҷудонашавандаи он аст ва ба мо аз ниёгон мерос мондааст;

• олоти асосие, ки тавассути он мо фарҳангро меомӯзем;

• муҳимтарин падидаҳои фарҳангӣ. Вай ҷузъи таркибии фарҳанг ва олоти он буда, дар шакли урён хусусиятҳои хоси тафаккури миллиро ифода ва механизмҳои майдони шуурро ошкор мекунад.

• ҳамчунин, робитаи забон ва фарҳангро метавон ҳамчун робитаи қисману том номидан мумкин аст. Азбаски забони модарӣ ҳамчун ифодакунандаи фарҳанг аст, аломатҳои забонӣ қобилияти иҷрои вазифаи аломатҳои фарҳангро пайдо намуда, бо ҳамин васила ҳамчун ифодакунандаи асосии фаъолияти нутқ хизмат мекунанд.

Забон, пеш аз хама, воситаест, ки ба ёрии он шахс дар бораи маданияти моддӣ ва маънавии ҷамъият маълумот мегирад, яъне дар ҳастии инсон аз фарҳанг ҷӣ аст? Дараҷаи инкишофи забон, нақш ва мақоми он дар хаёти мамлакат, дуньёи одамоне, ки соҳиби забонанд доираи вусъат ва ҳаҷму андозаи вазифаҳои онро муайян мекунад.

Ҳанӯз дар синни хеле барвақт, кӯдак унсурҳои аввалини забонҳои дигарро аз худ мекунад. Вай ба фаъолияти забонӣ машғул шуда, маҳорат пайдо мекунад, меъёрҳои баҳодиҳиро азхуд мекунад, аз афсонаҳои аввалин ақидаҳои гуногунфарҳангиро меомӯзад, дар нақшофарӣ вазифаҳои забонро азхуд мекунад ва андешаҳои ӯ тадриҷан ташаккул меёбанд, як манзараи ибтидоии кӯдаконаро оид ба ҳаёти гуногунфарҳангӣ месозад. Дар ин давра метавон супоришҳои амалӣ пешниҳод намуда, фаъолияти забонии кӯдаконро инкишоф дод.

Вазифаи муҳими АФТ (асосҳои фаъолияти таълимӣ) ташкили ҳамкории байни омӯзгору кӯдакон ва кӯдакон бо ҳамдигар мебошад. Дар айни замон мафҳуми «технологияи педагогӣ» ба зтаркиби луғавии педагогӣ сахт ворид шудааст. Луғати тафсирӣ ин мафҳумро чунин шарҳ медиҳад: «Технология маҷмӯи техникаест, ки дар ҳама гуна тиҷорат, маҳорат... истифода мешавад». Технологияи педагогӣ усули мунтазами эҷод, татбиқ ва муайян кардани тамоми раванди таълим ва шароити дониш мебошад.

Яке аз технологияҳои асосӣ ин технологияҳои ба рушди талаба нигаронидашуда мебошад, ки шахсияти кӯдакро дар маркази тамоми системаи таълим гузошта, шароити бароҳат, бидуни низоъ ва бехатари рушди он, татбиқи имкониятҳои табии ӯро фароҳам меорад. Дар доираи технологияҳои ба рушди шахсият нигаронидашуда боз чанде дигар технологияҳои мустақилро ҷудо мекунанд, ки дар байни онҳо технологияҳои ҳамкорӣ низ мебошад.

Технологияи ҳамкорӣ шарикиро дар муносибати байни муаллим ва кӯдак татбиқ мекунад. Муаллим ва кӯдакон якҷоя дар ҳолати ҳамкорӣ ҳадафҳо, мундариҷаи корро таҳия мекунанд, баҳо медиҳанд, якҷоя эҷод мекунанд. Технологияи муаммогузорӣ ва ҷустуҷӯӣ - имрӯз, омӯзиши мушкилот ҳамчун як усули АФТ фаҳмида мешавад, ки бо роҳбарии муаллим эҷод кардани вазъиятҳои мушкилот ва фаъолияти мустақили кӯдаконро барои ҳалли муаммо дар бар мегирад ва дар натиҷаи он эчодкорона азхуд намудани дониш, махорат, малака ва инкишофи кобилиятҳои зеҳнӣ ба назар гирифта мешавад.

Кор бо кӯдакон ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ, шахсияти алоҳида, ё гурӯҳи шахсият метавонад дониши амалии гуногунфарҳангиро таъмин намуда бошад, гарчанде доираи маҳдуд дошта бошанд. Бояд гуфт, ки яке аз марҳилаҳои ҳама гуна технология ин эҷоди ангеза ё марҳилаи тавлиди таваҷҷӯҳ аст, ки имконияти шавқмандии кӯдаконро ба вуҷуд меорад. Ҳолатҳое ба вуҷуд меоянд, ки кӯдак "таҷассумгар"-и образи асосӣ мешавад. Сухан дар бораи усулҳое , ки ҳолатҳои муоширати воқеии нутқро "нумӯъ" мекунанд, яъне технологияи бозӣ меравад.

Мақсади истифодаи технологияи мазкур:

- дидактикӣ - васеъ кардани ҷаҳонбинӣ, ташаккули ДММ (дониш, маҳорат, малака) дар фаъолияти амалӣ;

тарбиявӣ - тарбияи мустакилиятнокӣ, ҳамкорӣ, коллективизм, муоширатпазирӣ;

-инкишофдиҳанда-инкишофи диққат, хотир, нутқ, тафаккур, муқоиса, малакаи мувофиқоварӣ;

- иҷтимоӣ - мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист, омӯхтани муошират.

-технологияи омӯзиши компютерӣ, ки бо ёрии он расмҳои нусхабардоришуда, наворҳои видеоӣ, презентатсияҳо, сабтҳои овозӣ намоиш дода мешаванд.

Тибқи Стандарти таҳсилоти давлатӣ ҳадафи асосии таълими ибтидоӣ ошкор намудани шахсияти хонанда ва рушди фаъолияти таълимии ӯ мебошад. Муносибати кӯдакони синни хурди мактабӣ ба фаъолияти таълимӣ ҳассос буда, фаъолияти равонии онҳо ба такрор, қабули ботинӣ, тақлид, омӯхтани амалҳо ва баёни муаллим нигаронида шудааст. Дар баробари ин, кӯдакони синни хурди мактабӣ тафаккури абстрактӣ доранд, онҳо ба визуализатсия ниёз

доранд. Компютер ҳамчун асбоб амал мекунад, зеро ворид намудани унсурҳои мушаххаси визуалӣ ба раванди таълим барои бартараф кардани мушкилот мусоидат мекунад. Вақте ки, кӯдакон дар экрани компютер расмҳои рангоранг, диаграммаҳо, тасвирҳои мутаҳаррикро мебинанд, онҳо маводи нави мураккабро беҳтар дарк мекунанд ва аз худ менамоянд.

Компютеркунонии раванди АФТ ва истифодаи самараноки воситаҳои техникии таълим роҳи нави ҷолиби омӯзишро пешниҳод мекунад, ки барои кӯдакон ҷолиб буда, вақти муаллимро сарфа мекунад. Сабабҳои муваффақияти раванди азхудкунии таълими гуногунфарҳангӣ аз ҷониби кӯдакони хурдсол:

• ба шахсияти кӯдак таъсир расонида, эҳсосот, эҳиссиёт ва шавқи ӯро ба АФТ ҷалб менамояд, қобилияти нутқронӣ, маърифатӣ, эҷодии ӯро ташаккул медиҳад;

• муҳите муҳайё месозад, ки дар он кӯдак худро бароҳат ва озод ҳис кунад; майлу хохиши худро дар амалан истифода бурдани фаъолияти гуногунфархангӣ инкишоф диҳад;

• кӯдакро фаъол карда, ӯро қаҳрамони асосии АФТ мегардонад, бо дигар иштирокчиёни ин раванд фаъолона ҳамкорӣ мекунад;

• вазъиятеро ба вуҷуд меоварад, ки муаллим симои марказӣ намебошад;

Ҳамаи ин барои ташкили пурмаҳсули фаъолияти кӯдакон дар шароити истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаи таълимӣ, бештар истифодаи усулҳое тавсия дода мешавад, ки хусусиятҳои психофизиологии тафаккури кӯдакони синни хурди мактабиро ба назар гирифта, ба рушди тафаккури мантиқӣ ва шифоҳии кӯдакон мусоидат мекунанд. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ ба омӯзиши босифати якчанд забонҳо мусоидат мекунад, ки ба кӯдакон имкон медиҳад таҳсили худро дар кишварҳои хориҷӣ идома диҳанд ва ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид шаванд.

Шахсияти кӯдаки синфҳои ибтидоӣ хеле нозук буда, дар раванди рушди доимӣ ва муттасил қарор дорад. Он на танҳо дар ҷараёни таълиму тарбия, балки дар раванди ҳаёт бо таъсири муҳити атроф, ҷомеа ва муҳити зист ташаккул меёбад. Кӯдак аз лаҳзаи таваллуд дар муҳитҳои гуногун зиндагӣ мекунад, ки ҳар кадоми онҳо бо мурури замон ба ӯ таъсири худро мерасонанд. Инҳо муҳити иҷтимоӣ, муҳити этникӣ, мансубияти динӣ ва бисёр чизҳои дигар мебошанд. Барои раванди таълими бисёрфарҳангӣ дуруст истифода бурдани муҳити табии кӯдак хеле муфид аст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Артюхова, И.С. Формирование толерантности в ходе проведения внеклассной работы / И.С. Артюхова // Начальная школа. – 2008. - №9. – С. 41-44
2. Асмолов, А.Г. О смыслах понятия «толерантность» / А.Г. Асмолов, Г.У. Солдатова, Л.А. Шайгерова// Век толерантности: Научно-публицистический вестник, 2001, № 1. - С. 8 –18.
3. Байбородова,Л.В.Воспитание толерантности в процессе организации деятельности и общения школьников/Л.В.Байбородова//Ярославский педагогический вестник.-2003.-№1–89 с.
4. Беловолов, В.А. Введение в методологию педагогического исследования: учеб. Пособие/В.А.Беловолов, С.П. Беловолова. -Новосибирск: Изд-во НГПУ, 2002. – 117с.
5. Бобинов, С. Приёмы восприятия толерантности / С. Бобинов// Педагогическая техника. – 2008. - №5. – С. 39-49.
6. Болотина, Т.В. Культура мира, права человека, толерантность и миролюбие / Т.В. Болотина, Т.Г. Новикова, Н.К. Смирнов. - М.: АПК и ПРО, 2002 - С. 4.
7. Белогуров, А.Ю. Идеи поликультурности в образовательном процессе / А.Ю. Белогуров // Высшее образование в России.- 2005. -№3.-С. 109-112.
8. Берулава, М.Н.Состояние и перспективы гуманизации образования/М.Н.Берулава// Педагогика.1996.- №1. - С. 9-11.
9. Бодалев,А.А. Восприятие и понимание человека человеком / А. А. Бодалев. - М., 1982.- 199 с.
10. Большая российская энциклопедия / Гл. ред. В.А. Тишков. - М., 1994.-456 с.
11. Гумболдт, В. О мышлении и речи. Архивная копия.
12. Лихачёв, Д. С. Русская культура». — М.: Искусство.-440 с.
13. Тер-Минасова С. Г. Английский без учителя: Пособие для самостоятельного изучения английского языка. М.: Центручебфильм, 2010.-240 с.
14. Толстой, Н.И.Язык и народная культура. Очерки по славянской мифологии и этнолингвистике. М., 1995-С.15-26

## REFERENCES :

1. Artyukhova, I.S. Formation of tolerance during the external class work / I.S. Artyukhova // Primary school. - 2008. - No.- 9. P. 41-44
2. Asmolov, A.G. On the meanings of the concept of "tolerance" / A.G. Asmolov, G.U. Soldatova, L.A. Shaigerova // Age of Tolerance: Scientific and Journalistic Bulletin, 2001, No. 1. - P. 8–18.
3. Baiborodova, L.V. Education of tolerance in the process of organization of activities and communication of schoolchildren / L.V. Baiborodova // Yaroslavl Pedagogical Bulletin. - 2003. - No 1. - 89 p.
4. Belovolov, V.A. Introduction to the methodology of pedagogical research: textbook. Allowance / V.A. Belovolov, S.P. Belovolov. -Novosibirsk: Publishing House of NSPU, 2002. - 117 p.
5. Bobinov, S. Techniques for the perception of tolerance / S. Bobinov / / Pedagogic technique. - 2008. - No. 5. - p. 39-49.
6. Bolotina, T.V. Culture of Peace, Human Rights, Tolerance and Peace love / T.V. Bolotina, T.G. Novikova, N.K. Smirnov. - M.: APK and PRO, 2002 - P. 4.
7. Belogurov, A.Yu. Ideas of multiculturalism in the educational process / A.Yu. Belogurov // Higher education in Russia. 2005. -№3. - S. 109-112.
8. Berulava, M.N. State and prospects of humanization of education / M.N. Berulava // Pedagogy. 1996. - No. 1. - S. 9-11.
9. Bodalev, A. A. Perception and understanding of man by man / A. A. Bofar - M., 1982.- 199 p.
10. Great Russian Encyclopedia / Ch. ed. V.A. Tishkov. - M., 1994.
11. W. Humboldt. About thinking and speech. Archived copy.
12. Likhachev, D. S. Russian culture.-M.: Art. 2000. – 440 p.
13. Ter-Minasova S. G. English without a teacher: A manual for self-study of the English language. M.: Tsentruchebfilm, 2010.-240 p.
14. Tolstoy, N.I. Language and folk culture: essays on Slavic mythology and ethnolinguistics. M., 1995.-P.15-26